«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________
«__»__________2022 с.

**Хулосаи**
**ҷаласаи навбатии Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси **“08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика)”** пешниҳод карда шудааст, дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Давлатова Розиямо Қамбаровна солҳои 2019-2022 унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд.

Тибқи қарори Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29-уми марти соли 2019 суратмаҷлиси №7 мавзуи диссертатсияи унвонҷуй Давлатова Р. Қ. бо мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)», зери роҳбарии д.и.и., профессор Низамова Т.Д. тасдиқ карда шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар ҷаласаи навбатии кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26-уми марти соли 2019, суратмаҷлиси №8 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)» мавзуи рӯзмарраи шароити муосир буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Ҳамзамон, бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқот ин асосноккунии назариявию методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизми идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– дар асоси таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методологӣ асоснок карда шудааст, ки баландбардории аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии маҳсулоти саноати сабук дар заминаи афзоиши фоиданокии он, зиёд намудани афзалиятҳои рақобатнокии маҳсулот, таъмини рақобатпазирии маҳсулот дар асоси банақшагирии маркетингии стратегӣ ва истифодаи васеи инноватсия заминаҳои афзалиятноки баландбардории рақобатпазирии маҳсулот дониста мешавад.

– дар натиҷаи омӯзиш омилҳо ва нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулот мушаххас карда шуда, вобаста ба характери таъсиррасонӣ онҳо гуруҳбандӣ карда шудаанд, намудҳо ва омилҳои идоракунии рақобатпазирии маҳсулот таснифот шуда, самтҳои такмили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ асоснок карда шудааст.

– таҳлили вазъи кунунии корхонаҳои саноати сабук нишон дод, ки маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо то ба ҳол мавқеи устувори рақобатпазириро соҳиб нест, ба истиснои маҳсулоти корхонаҳои саноати нассоҷӣ, ки тамоюли мусбии содироти онҳо дида мешавад, инчунин зарурати рушди истеҳсоли пойафзол ва дигар маҳсулоти чармӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ вуҷуд дорад.

– баҳодиҳии омилҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук нишон дод, ки роҳи муҳимтарини баландбардории рақобатпазирӣ ин муҳофизати маҳсулоти истеҳсолоти ватанӣ аз таъсири ҳама гуна омилҳои манфӣ ва зиёд намудани афзалиятҳои рақобатпазирии он мебошад, ки бозоргирии маҳсулотро дар ҳама гуна шароит таъмин менамоянд.

– муайян ва ошкор намудани имкониятҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук аз тариқи ҷорӣ намудани инноватсия, диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ, устувории неруи кадрӣ, дастгирии молиявии корхонаҳои соҳа, зиёд намудани афзалиятҳои сифатию миқдории рақобатпазирӣ.

– муайян карда шудааст, ки дар шароити кунунии иқтисодиёти миллӣ ноустувории рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук аз неруи нокифояи инноватсионии корхонаҳои соҳа бинобар сабаби маҳдудияти имкониятҳои молиявии онҳо вобаста мебошад ва ба роҳ мондани намудҳои мухталифи фаъолияти инноватсионӣ рақобатпазирии истеҳсолоти ватаниро таъмин менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Диссертатсия дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот бобати расидан ба ҳадафи гузошташуда, аз ҷумла интихоби мавзуъ ва таҳияи нақшаи он, асосноккунии сатҳи мубрамияти он, муайян намудани мақсаду вазифаҳо ва ноил гардидан ба онҳо назаррас мебошад. Муаллиф дар ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, асосноккунии заминаҳои баландбардорӣ ва такмили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, таҳлилу баҳодиҳии вазъи кунунии корхонаҳои соҳа ва коркарди тавсияҳо ҷиҳати баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти онҳо саҳми бевоситаи худро гузошта, хулосаю пешниҳодҳои илмиро ба даст овардааст ва дар асоси онҳо мақолаҳои илмиро чоп намудааст. Нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия дар рафти коркарди барномаҳои марбут ба рушди рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ имконияти истифодабариро доранд.

Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқотро дар он ифода меёбад, ки хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия барои васеъ гардидани донишҳои назариявии соҳа ва такмили механизми баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук мусоидат менамоянд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Аҳаммияти амалии дар он дида мешавад, ки ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаю пешниҳодҳои амалии он имконият медиҳанд, то рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таъмин карда шавад. Натиҷаҳои илмии аз диссертатсия бадастовардашуда дар таҳқиқотҳои оянда, ки ба самти баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук нигаронида шудаанд, истифода карда мешаванд. Нуқтаҳои илман асосноккардашуда ва хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд барои коркарди заминаҳои методологӣ ва ҷиҳатҳои амалии барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук истифода шаванд.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро** корҳои бунёдии олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук ташкил менамоянд. Инчунин дар диссертатсия як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияҳои матбуоти даврӣ, монографияҳо, маводи конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ роҷеъ ба масъалаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, захираҳои иттилоотии Интернет ва коркарду ҳисобҳои худи муаллиф истифода шудаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои шаҳодатномаи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси **08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика)** мутобиқат мекунад.

Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмии муаллиф, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗУЪ:

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[1-М]. **Давлатова Р.Қ., Исоева Д.Э.** Истифодаи усулҳои инноватсионӣ ҳамчун таъмини рақобатпазирӣ ва рушди корҳонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2019. № 9.-С.132-137.

[2-М]. **Давлатова Р.Қ.** Маҳсулоти саноатӣ ва хусусиятҳои идоракунии рақобатпазирии он. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. № 10-1. С.25-29.

[3-М]. **Давлатова Р.Қ.** Таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 3 (27).- С.160-166.

[4-М]. **Давлатова Р.Қ.** Асосҳои назариявӣ-методологии баҳодиҳии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2021. № 7.- С.83-90.

[5-М]. **Низамова Т.Д., Давлатова Р.Қ.** Истифодаи оқилонаи захира ва имконятҳо бо мақсади баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ. Паёми политехникӣ (Бахши Интелект,Иноватсия,Инвеститсия), Душанбе, 2022.-№1(57), с. 66-70.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[6-М]. **Давлатова Р.Қ.** Омилҳои рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон / Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Саноаткунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт», (ш.Душанбе, 27.02.2020г.) –Душанбе, 2020. - С.354-358.

[7-М]. **Давлатова Р.К.** Управление конкурентоспособностью предприятий легкой промышленности Республики Таджикистан / Материалы общеуниверситетского научно-теоретического круглого стола на тему «Актуальные проблемы менеджмента в современных

условиях» (г. Душанбе, 20-декабря 2019г.). - Душанбе, 2020г. – С.74-76 (в соавт.).

[8-М]. **Давлатова Р.Қ.** Асосҳои назариявии рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар / Конференсияи байналхалқии илмию амалӣ дар мавзӯи «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ», (ш.Душанбе, 13.10.2020.). -Душанбе, 2020. - С.547-552.

[9-М]. **Давлатова Р.Қ.** Имкониятҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабуки ватанӣ / Материалы республиканской научно-практической конф. «Непрерывное профессионально-электронное обучение в условиях глобализации» (Душанбе, 22 октября 2021 г.). - Душанбе, 2021. – 250 с. (с. 28-37).

Дар маҷлис иштирок доштанд 17 нафар аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар «муқобил» - нест, «бетараф»-нест, суратмаҷлиси №3 аз 25.10.2022с.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси муштараки кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2022, бо суратмаҷлиси №3 қабул гардидааст.

**Қарори Шурои олимон:**

1. Диссертатсияи Давлатова Р.Қ. дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикстон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси **08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика)** пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Давлатова Р.Қ. дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси **08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика)** барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 015 дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ пешниҳод карда шавад.

3. Назорати қарори мазкур ба зиммаи раиси Шурои олимон, декани факултет вогузор карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз “28” “10” соли 2022, суратҷаласаи №3 қабул гардидааст.

**Раиси Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи ДМТ**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи ДМТ**
**н.и.и., дотсент** **Аҳмадов Р.Р.**

**Муқарриз**
**муовини ректор ДДМИТ оид ба робитаҳои байналмилалӣ**
**н.и.и., дотсент** **Қодиров Ф.А.**

**Муқарриз**
**дотсенти кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкорӣ**
**н.и.и., дотсент** **Фаррухи Р.**

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Шарипов У.**

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**«01»__11__ 2022 с.**

**Нусха**

аз суратмаҷлиси ҷаласаи навбатии Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз "28" "10" соли 2022, №3

**Раиси ҷаласа:** д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р.
**Котиб:** н.и.и., дотсент Аҳмадов Р.Р.

**Иштирок доштанд**: Исайнов Ҳ.Р., Низамова Т.Д., Бобосодиқова Г.Б., Тағоев Ҷ.Ҳ., Фаррухӣ Р., Раҳмонов Ҷ.Р., Тағоев Б.Д., Муҳсинов Д.С., Раҷабов Қ.Қ., Аҳмадов Р.Р., Искандаров Ҳ.Ҳ., Сарабекова И.З., Абдуллоева Ш.Б., Билолов Н.Қ., Файзуллоев Т., Содиқов Қ.А., Авзалов Ҳ., Раҳматзода С., Чоршанбиев С.Р.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси **08.00.04 –Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04. 01. – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)** пешниҳод карда шудааст.

**Шунида шуд:** Баромади унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатова Розиямо Қамбаровна оид ба мухтавои асосии натиҷаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)»

**Баромад карданд:** Муқарризи холис - н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А. Бояд қайд кард, ки унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқоти илмӣ аз асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти асарҳои илмии олимони ватанию хориҷии соҳа оид ба масъалаҳои интегратсия ва саноати нассоҷӣ васеъ истифода намудааст. Қайд кардан зарур аст, ки рисола сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шудаанд, инчунин пешниҳоду таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд. Ҳамаи эрод ва пешниҳодҳо дар тақриз ба таври амиқ оварда шудаанд.

Муқарризи холис - н.и.и., дотсент Фарухи Р. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна мавзуи бисёр актуалӣ

барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, зеро имрӯз яке аз соҳаҳои афзалиятноки кишварамон маҳз соҳаи саноати сабук мебошад. Бинобар ин, андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ҷалби сармогузориҳои хориҷӣ ба ин соҳа ниҳоят муҳим мебошад. Дар охир, бо чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мақсади рисолаи диссертатсионӣ ин таҳлил ва асосноккунии муқарратори назаривию методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба инфрасохтори мамлакат, аз ҷумла барои бунёди корхонаҳои саноати сабук мебошад. Дар асоси гуфтаҳои боло, мо чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро пас аз ислоҳи эроду камбудиҳо баррои муҳокимаи навбатӣ тавсия додан мумкин аст.

**Муҳокима**: д.и.и., профессор Бобосодиқова Г.Б., д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р. ва н.и.и., дотсент Тағоев Б.Д. баромад намуда қайд карданд, ки мавзуи илмии баррасинамудаи унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатова Розиямо Қамбаровна ба талаботҳои шароити имрӯзаи иқтисодиёти мамлакат ва дурнамои инкишофи он ҷабовгӯ буда, мавзӯи актуалӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ диссертатсия, ки дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси **08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01. – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)** пешниҳод шудааст, ба талаботҳо ҷавобгӯ буда, ба зинаҳои минбаъдаи ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Давлатова Р.Қ. дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси **08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01. – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)** пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Давлатова Р.Қ. дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси **08.00.04 – (Иқтисодиёти соҳавӣ 08.00.04.01. – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)** барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 015 дар

назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ пешниҳод карда шавад;

3. Назорати қарори мазкур ба зиммаи раиси Шурои олимон, декани факултет вогузор карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи навбатии Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз "28" "10" соли 2022, суратҷаласаи №3 қабул гардидааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
Тарафдор - 21;
Муқобил - нест;
Бетараф - нест.

**Раиси Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи ДМТ**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи ДМТ**
**н.и.и., дотсент** **Аҳмадов Р.Р.**

**Муқарриз**
**муовини ректор ДДМИТ оид ба робитаҳои байналмилалӣ**
**н.и.и., дотсент** **Қодиров Ф.А.**

**Муқарриз**
**дотсенти кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкорӣ**
**н.и.и., дотсент** **Фаррухи Р.**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Шарипов У.**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**«01» 11 2022 с.**